# Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзӯи "Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- зироаткории умуми, растанипарварӣ**

Вазифаи муҳими илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани аҳоли бо зироатҳои ғалладонагӣ ба шумор меравад, ки он дар иҷрои қарорҳои давлати оиди амнияти озуқаворӣ ҳадафи асоси мебошад. Дар ин раванд, яке аз зироатҳои хело ҳам аҳамиятноку серҳосил шолӣ мебошад, ки дар як мавсим гирифтани ду ҳосили донро таъмин меамояд, ва афзалиятнокии онро нишон медиҳад.

Таҳқиқотҳои илмии иҷро шудаи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар автореферат пешниҳод намуда ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Аз ҷиҳати аҳмияти ғизоӣ ва маҳсулноки шолӣ мавқеи худро дар байни дигар зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёдонаги хуб нишон медиҳад. Муаллифи диссертатсия корҳои илмию таҳқиқотии пешниҳод намударо доир ба парвариши кишти ангории шолӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷамоати деҳоти Ғайрат, ноҳияи Фархор гузаронидааст. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дар таҷрибаҳои саҳроии гузаронида илман асоснок намуда, усулҳои парвариши шолии ангориро вобаста аз муҳлати кишт ва меъёри нурӣ омухтааст, ки аз ҷиҳати навгонии илмӣ бори аввал мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқотҳои гузаронида нишондиҳандаҳои ҳосилнокии дони шолӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт меъёри кишт ва меъёри истифодабарии нуриҳо мебошад, ки дар асоси онҳо муаллиф ба кишоварзони минтақа онро ҳамчун тавсия пешниҳод намудааст. Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронида оиди хусусиятҳои парвариши шолӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз таъсири муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нурӣ, нишондиҳандаҳои биометрӣ ва фитометрии маҳсулнокии дони шолӣ, ивазшавии (КММ) ва нурафкании фаъоли фотосинтетикӣ (НФФ) муайян карда шуд. Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотҳои аз тарафи муаллиф омухта шуда бо услуби пешниҳод намудаи Б.А. Доспехов (1985) исбот карда шудааст. Муаллиф корҳои зиёдеро доир ба усулҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба анҷом расонидааст, ин таҳлилҳои мукамалли гуногунҷабҳа доир ба кишти ангории шолӣ дар автореферат баррасӣ гардидааст. Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқоти дар 8 мақолаи илмӣ ба чоп расидааст, ки аз он 4 номгӯй дар маҷалаи аз тарафи КОА-и назди перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ва чор номгӯйи маводи дигар дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ ба табъ расидаанд.

Хулоса, муаллифи рисолаи дисертатсиони Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович таҳқиқоти васеи назариявӣ, методологӣ ва амалиро ба анҷом расонида, хулосаи илмии иборат аз 8 банд ва тавсия иборат аз 1 бандро барои истифодаи амали ба истеҳсолот пешниҳод намудааст. Инчунин таҳқиқотҳои амалӣ гардида бо тариқи коркарди оморӣ-риёзи ба анҷом расонида шудааст, ки тақвият ба мукамал намудани рисоларо нишон медиҳад. Аз таҳқиқотҳои дар автореферати унвонҷӯй дар мавзуъи "Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон" пешниҳод намуда бар меояд, ки он дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда ба талаботи Комисияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА ҶТ) ҷавобгӯ буда, муалифи он Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ бо ихтисосӣ 06.01.01-зироаткории умуми, растанипарварӣ дар Шурои диссертатсионни 6D КОА-015 ба баҳои мусбӣ сазовор мебошад.

Ходими калони илмии

шуъбаи зироатҳои кишоварзии

Маркази миллии захираҳои генетикии

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

номзади илмҳои кишоварзӣ ____________ Пулодов М.

Мудири Шуъбаи

зироатҳои кишоварзии

Маркази миллии захираҳои генетикии

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ____________ Ализода Н.Р.

Суроға: 735104 Ҷ.Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ

ҷамоати Сарикишти. деҳаи Маҳмадшоҳи боло

**Тел . моб:** 938 27 18 34

Имзои Пулодов М. ва Ализода Н.Р.- ро

тасдиқ мекунам,

Нозир дойр ба кадрҳои ММЗГ-и АИКТ ____________ Миҷгонаи М.